«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
_______________ Сафарзода Д.Ҷ.
«___» ___________ 2026 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи номзадии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ (аз қабили муносибатҳои шартномавӣ, мерос, никоҳу оила, меҳнат ва дигар муносибатҳои хусусӣ) ба як падидаи маъмули ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дарназардошти муҳоҷирати меҳнатӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ ва фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон дар хориҷ ва ё бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ дар дохили кишвар, босуръат рушд меёбад. Дар чунин шароит масъалаи муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, доираи қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунӣ, инчунин татбиқи қоидаҳои коллизионӣ ва моддии ҳуқуқ, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мегардад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти муайянеро вобаста ба иштирокчиёни муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ дар бар мегирад, аммо таҳлили онҳо нишон медиҳад, ки дар танзими мукаммали вазъи шахсони воқеӣ, махсусан дар масъалаҳои муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда, эътирофи қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеии хориҷӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ, як қатор камбудиҳои назариявӣ ва ихтилофҳои амалӣ ҷой доранд. Махсусан, масъалаҳои вобаста ба

татбиқи қоидаҳои коллизионӣ, муқаррар намудани ҳуқуқи шахсӣ (қонуни шаҳрвандӣ ё қонуни ҷойи зист), эътирофи ҳуҷҷатҳои хориҷӣ ва қарорҳои мақомоти хориҷӣ, ҳамоҳангсозии меъёрҳои миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии дигар давлатҳо, таҳқиқоти амиқи илмиро талаб менамоянд.

Илова бар ин, дар шароити ташаккули иқтисоди бозорӣ ва сиёсати фаъоли ҷалби сармоягузории хориҷӣ, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои хусусии байналмилалӣ, яке аз омилҳои муҳими таҳкими эътимоди ҳуқуқӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Набудани равиши ягона дар масъалаи муайян намудани вазъи ҳуқуқии чунин шахсон метавонад боиси ба вуҷуд омадани ноустувории ҳуқуқӣ, ихтилофҳои судӣ ва паст гардидани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо гардад. Аз нигоҳи илмӣ, мавзуи мазкур дорои аҳамияти назариявии муҳим мебошад, зеро таҳқиқи он ба такмили асосҳои доктриналии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, махсусан дар бахши муайян намудани вазъи шахсони воқеӣ, мусоидат менамояд. Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили қонунгузории миллӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташаккули амалияи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки мавзуи пешниҳодгардида дорои дараҷаи баланди актуалӣ буда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва барои таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра муносиб мебошад. Таҳқиқи мукаммали ин масъала имконият медиҳад, ки роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии вазъи *шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ муайян гардида,* заминаҳои ҳуқуқии устувор барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ фароҳам оварда шаванд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асоснокии илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои рисолаи илмии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» дар сатҳи баланд арзёбӣ шуда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории маданӣ ва дигар бахшҳои соҳаи хусусӣ, мавод ва таҷрибаи судӣ ва ҳамчунин доктринаи ҳуқуқӣ бармеоянд. Дар таҳқиқоти мазкур, бо корбурд аз усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомнок, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла навгониҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, дар маҷмӯъ ба ҳадаф ва вазифаҳои мавзуи таҳқиқот мутобиқ мебошанд. Зеро ҷамъбасти онҳо метавонад дар такмили қонунгузории маданӣ ва махсусан бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар рушди муҳити илмию назариявии ватанӣ саҳми назаррас гузорад.

Навгониҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, зеро чунин пажӯҳиши мукаммал ва низомнок вобаста ба танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар

муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар муҳити илми ватанӣ аз ҷумлаи таҳқиқоти нисбатан нав ба ҳисоб меравад. То имрӯз танҳо аз ҷониби як қатор олимон баъзе паҳлуҳои алоҳидаи ин масъала мавриди таҳқиқ қарор гирифта буданд.

Аз ин лиҳоз, муаллиф дар ҷараёни таҳия ва анҷом додани диссертатсия мафҳум, аҳаммият, моҳият, хусусият ва асосҳои ҳуқуқии вазъи шахсони воқеиро дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба муайян намудани қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунӣ, татбиқи қоидаҳои коллизионӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо аз дидгоҳи илмии муосир мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аҳаммияти илмию амалии рисола, ба андешаи муаллиф, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ барои такмили қонунгузории миллӣ, бахусус дар самти танзими муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ, мусоидат намоянд. Муаллиф бо такя ба далелҳои муътамади илмӣ ва амалии ҳуқуқтатбиққунӣ асоснок намудааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории маданӣ, махсусан дар бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба миён омадааст. Аз ҷумла пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқии марбут ба вазъи шахсони воқеӣ дар чунин муносибатҳо дақиқ ва мушаххастар гардонида шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки нахустин маротиба дар илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусии ватанӣ таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ оид ба мушкилоти танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Дар рисола паҳлуҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, аз ҷумла масъалаҳои муайян намудани қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунӣ, татбиқи ҳуқуқи шахсӣ (lex personalis), инчунин истифодаи қоидаҳои коллизионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ мавриди шарҳу тавзеҳи илмӣ қарор гирифта, таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунии давлатҳои хориҷӣ дар муқоиса бо низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Дар натиҷа, барои такмили қонунгузории миллӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ, махсусан вобаста ба муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, як қатор пешниҳодҳои илмӣ асоснок ва манзур карда шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерини муҳими назариявию амалӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд:

Якум, мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ» дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар иртибот бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигар, инчунин коркардҳои илмии мавҷуда таҳлил гардида, аломатҳои муайянкунандаи он дақиқ карда шуда, фаҳмиши мукаммал ва

низомноки ин мафҳум ҳамчун падидаи марказии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Дуюм, моҳият ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бо назардошти хусусиятҳои коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои фаромарзӣ, таърифи мукаммали он аз нигоҳи муаллиф пешниҳод гардидааст.

Сеюм, унсурҳои таркибии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, аз ҷумла қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ, мафҳум ва муҳтавои ҳуқуқи шахсӣ, инчунин нақши меъёрҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ дар муайян намудани он мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, моҳият ва аҳаммияти онҳо мушаххас карда шудааст.

Чорум, аввалин маротиба масъалаҳои татбиқи қоидаҳои коллизионӣ дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, инчунин масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ бо ҷузъиёти алоҳида таҳлил гардида, нақши принсипҳои реҷаи миллӣ, мутақобила ва реторсия дар таъмини суботи муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ошкор карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо ифода ёфтаанд, ки метавонанд дар такмили меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, вобаста ба муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмӯи усулҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла усули диалектикӣ, таҳлили низомнок, мантиқӣ-забонӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таъмин гардидааст. Дар кори мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, маводҳои амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, қарорҳои судӣ ва таҷрибаи мақомоти дахлдор мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки эътимоднокии хулосаҳои илмиро тақвият мебахшанд.

Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи мавзӯъ ва таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ асос ёфта, далелҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ боэътимод мебошанд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявӣ ва амалӣ буда, барои рушди минбаъдаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ аҳаммияти муҳим дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои рисолаи илмии Одиназода У.С. дорои аҳаммияти назарраси илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ба рушди минбаъдаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили қонунгузории миллӣ, дуруст ба роҳ мондани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ мусоидат менамоянд.

Таҳқиқоти мазкур фарогири таҳлили муфассали илмии масъалаҳои танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои фаромарзӣ буда, дар он мафҳумҳои асосии ба мавзӯъ алоқаманд мушаххас ва такмил дода шуда, инчунин як қатор хулоса ва пешниҳодҳои илмии асоснок манзур гардидаанд.

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар ғанӣ гардонидани доктринаи миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили назарияҳои марбут ба муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот имкони истифода дар фаъолияти мақомоти судӣ, мақомоти бақайдгирӣ, нотариалӣ ва дигар мақомоти ваколатдорро дошта, метавонанд дар ҳалли баҳсҳои дорои унсури хориҷӣ, татбиқи дурусти қоидаҳои коллизионӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ мусоидат намоянд. Ҳамзамон, таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда, эътирофи қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ, инчунин ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ, ба баланд гардидани самаранокии танзими ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои диссертатсия аз лиҳози илмӣ ба рушди донишҳои ҳуқуқӣ, аз лиҳози амалӣ ба такмили низоми ҳуқуқӣ, аз лиҳози иқтисодӣ ба рушди муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ва аз лиҳози иҷтимоӣ ба таҳкими адолати ҳуқуқӣ ва эътимоди ҷомеа мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии онҳо дар воқеӣ будани хулосаҳо, асоснокии илмии онҳо, мутобиқати мантиқии дохилӣ, инчунин таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии мушкилоти танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили маводи илмӣ ва амалии соҳа, инчунин усулҳои татбиқгардидаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла усули диалектикӣ, таҳлили низомнок, мантиқӣ-забонӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ифода мегардад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва амалии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин маводҳои амалияи судӣ вобаста ба муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили густурдаи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ асоснок ва дуруст арзёбӣ гарданд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури

хориҷӣ таҳия намудааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои эътимодноки илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиққунӣ асоснок гардида, барои такмили фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар мақомоти марбута заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ намуда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти гузаронидашуда, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, таҳлили қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, инчунин омода намудани мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ифода меёбад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда маҳсули фаъолияти мустақилонаи илмии муаллиф буда, дараҷаи баланди коркарди назариявӣ ва амалӣ будани таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 1 воситаи таълимӣ ва 9 мақолаи илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд.

Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидии таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, татбиқи қоидаҳои коллизионӣ, истифодаи ҳуқуқи шахсӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

Аз ҷумла:

**[1-М].** Ғаюров, Ш.К., Қодиров, Н.А., Одинаев, У.С. Ҳуқуқи нарм [Матн] / Ш.К. Ғаюров, Н.А. Қодиров, У.С. Одинаев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №3 (35). – С. 22-28; **ISSN 2307-5198.**

**[2-М].** Одинаев, У.С. Масоили қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ [Матн] / У.С. Одинаев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №4 (36). – С. 190-195; **ISSN 2414-9217.**

**[3-М].** Одинаев, У.С., Раҷабзода, М.Н. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масоили вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ [Матн] / У.С. Одинаев, М.Н. Раҷабзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 176-180; **ISSN 2410-2903.**

**[4-М].** Одинаев, У.С. Вазъи маданӣ-мурофиавии шахси воқеии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Одинаев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1 (37). – С. 245-252; ISSN 2414-9217.

**[5-М].** Одинаев, У.С. Масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ [Матн] / У.С. Одинаев // Қонунгузорӣ. – 2025. – №3 (59). – С. 81-88; ISSN 2410-2903.

**[6-М].** Одиназода, У.С. Масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ [Матн] / У.С. Одиназода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №4 (40). – С. 128-137; ISSN 2414-9217.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ гардида, мубрамияти мавзуи интихобшударо инъикос менамояд. Гузашта аз ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва зарурияро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаро дар бар мегирад.

**Боби якуми таҳқиқот — «Масъалаҳои муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ»** — ба таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ, мафҳумӣ ва назариявии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ бахшида шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки объекти танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳои маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд. Дар ин замина, ҳадафи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ на танҳо интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда, балки таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ дар фазои мураккаби муносибатҳои фаромарзӣ арзёбӣ мегардад.

**Дар зербоби якуми** боби мазкур муаллиф асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи шахсони воқеиро дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, гурезагон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ аз низоми ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат, мақсади воридшавӣ, муҳлати будубош ва хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

**Дар зербоби дуюми** боби якум масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф асоснок менамояд, ки ҳарчанд ин падидаҳо дар ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз ҷиҳати номгузорӣ монанд бошанд ҳам, дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ онҳо дорои хусусияти мустақили коллизионӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Дар ин маврид татбиқи қонуни шахсӣ, принсипи реҷаи миллӣ, қонуни шаҳрвандӣ ва қонуни ҷойи истиқомат аҳаммияти калидӣ пайдо мекунанд.

**Боби дуюми диссертатсия — «Масоили танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ»** — ба таҳлили қонуни шахсии шахси воқеӣ ва баъзе падидаҳои муҳими вобаста ба он бахшида шудааст. Дар зербоби якум муаллиф қонуни шахсиро ҳамчун яке аз пайвастҳои асосии коллизионӣ таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ду равиши асосӣ — қонуни шаҳрвандӣ ва қонуни ҷойи истиқомат — истифода мегарданд.

**Дар зербоби дуюми боби** дуюм масъалаҳои бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ин падида барои бартараф намудани номуайянии ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони манфиатдор, таъмини устувории муомилоти ҳуқуқӣ ва ҳифзи амволи шахси бедарак аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар ин қисм масъалаи татбиқи ҳуқуқи миллӣ, қонуни шахсӣ ва салоҳияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Боби сеюми диссертатсия — «Махсусиятҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷӣ мураккабгашта»** — қисми муҳими амалии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар он муаллиф вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро дар муносибатҳои меросӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Дар зербоби якуми** боби сеюм масъалаҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ бинобар вобастагӣ ба ҳуқуқи давлатҳои гуногун яке аз соҳаҳои мураккаби ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор мераванд. Дар ин замина, қонуни маҳалли охирини истиқомати доимии меросгузор, қонуни ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқи интихобнамудаи меросгузор дар васиятнома ҳамчун пайвастҳои асосии коллизионӣ таҳлил шудаанд.

**Дар зербоби дуюм** масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои оилавии дорои унсури хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф хусусиятҳои бастан ва бекор кардани ақди никоҳ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, эътирофи никоҳҳои дар хориҷ басташуда, никоҳи консулӣ, муносибатҳои молумулкии зану шавҳар ва муносибатҳои байни волидон ва фарзандонро таҳқиқ намудааст. Дар ин қисм

дуруст таъкид шудааст, ки қонуни шахсӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ мақоми марказӣ дорад, зеро масъалаҳои асосии никоҳ ва оила бевосита ба вазъи шахсии иштирокчиён вобаста мебошанд.

**Дар зербоби сеюм вазъи** ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва фаъолияти корфармоёни хориҷӣ зарурати танзими махсуси муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷиро асоснок менамояд. Дар диссертатсия дуруст қайд шудааст, ки қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти меъёрҳои коллизионии меҳнатӣ ҳанӯз ба такмили ҷиддӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, таҳлили пайвастҳои коллизионӣ, аз ҷумла қонуни ҷойи кор, мухторияти иродаи тарафҳо, қонуни маҳалли бастани шартнома ва қонуни корфармо, аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дар зербоби чоруми** боби сеюм масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ таҳлил шудаанд. Муаллиф иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар мурофиаи судии маданӣ, ҳуқуқи онҳо ба ҳимояи судӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мурофиавӣ, тобеияти байналмилалӣ, принсипи lex fori, реҷаи миллӣ ва масъалаҳои марбут ба эътирофу иҷрои қарорҳои судиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин қисм нишон дода мешавад, ки шахсони хориҷӣ дар мурофиаи маданӣ асосан бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқ дониста мешаванд, вале мавҷудияти унсури хориҷӣ зарурати татбиқи қоидаҳои махсуси мурофиавӣ ва шартномаҳои байналмилалиро ба миён меорад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеиро дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ ба таври пайдарпай, илмӣ ва мантиқӣ таҳқиқ намудааст. Диссертатсия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, хулоса ва пешниҳодҳои он метавонанд барои рушди доктринаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз ҷиҳати сохтор, мазмун, сатҳи таҳқиқоти илмӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва тарзи барасмиятдарорӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйӣ ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камубдиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Ба нуқтаи сеюми навгонии илмӣ, ки ба масъалаи унификатсияи танзими коллизионӣ-ҳуқуқӣ тавассути санадҳои байналмилалӣ дахл дорад, метавон чунин эроди илмӣ баён намуд. Муаллиф ба таври умумӣ ба хулоса меояд, ки дар соҳаи мазкур равандҳои муайяни ягонагии ҳуқуқӣ ҷой доранд, аммо сатҳ, ҳад ва самаранокии воқеии чунин унификатсия бо далелҳои мушаххаси ҳуқуқтатбиққунӣ ва таҳлили муқоисавии амиқ пурра асоснок карда нашудааст. Аз ҷумла, нишон дода нашудааст, ки то кадом андоза меъёрҳои байналмилалӣ дар амал бар қонунгузории миллӣ бартарӣ ё таъсири мустақим доранд ва оё ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муассир татбиқ мегардад ё не. Ҳамзамон, фарқиятҳои байни низомҳои ҳуқуқии давлатҳо ва маҳдудиятҳои амалии татбиқи чунин меъёрҳо ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд. Дар натиҷа, хулосаи муаллиф оид ба дараҷаи унификатсияи ҳуқуқӣ то андозае характери умумӣ дошта, такмили минбаъдаи таҳлили назариявӣ ва амалиро тақозо менамояд (саҳ. 13).

2. Дар зербоби 1 боби 2 ба қонуни шахсии шахсони воқеӣ таҳлили назариявӣ ва муқоисавӣ ба таври васеъ анҷом дода шудааст, аммо дар баъзе мавридҳо андешаҳои муаллиф хусусияти такрорӣ гирифта, мафҳум ва моҳияти (lex personalis) чанд маротиба бо мазмуни наздик ба ҳам баён гардидааст. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 53–56 ва 63–65 таърифи қонуни шахсӣ, навъҳои он ва аҳаммияти он дар муайян намудани вазъи ҳуқуқйи шахси воқеӣ такроран оварда шудаанд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки муаллиф ин қисмҳоро ихтисор намуда, бештар ба таҳлили муқаррароти мушаххаси Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан моддаи 1315, ва мушкилоти амалии татбиқи он таваҷҷуҳ намояд. Ҳамзамон, дар саҳифаҳои 60–62 масъалаи истифодаи мафҳуми «бештар зиндагӣ мекунад» баён шудааст, вале зарурати додани таърифи дақиқи меъёрии он дар қонунгузорӣ ба таври кофӣ ҳамчун пешниҳоди мустақил таҳия нашудааст. Аз ин рӯ, тавсия мешавад, ки муаллиф масъалаи мазкурро бо такя ба амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ амиқтар таҳлил намуда, меъёри пешниҳодшавандаро равшантар асоснок намояд.

3. Дар зербоби 3, боби 3 оид ба масаъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ ба таври васеъ таҳлил гардида,

зарурати ворид намудани меъёрҳои коллизионӣ ба қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок нишон дода шудааст. Бо вуҷуди ин, дар саҳ. 129–130 ва 138–139 мавқеи муаллиф оид ба таносуби **lex voluntatis**, **lex loci laboris** ва принсипи **in favorem** то андозае ба таҳрири дақиқтар ниёз дорад, зеро дар муносибатҳои меҳнатӣ озодии интихоби ҳуқуқ набояд кафолатҳои ҳадди ақали кормандро маҳдуд намояд. Ҳамзамон, пешниҳоди ворид намудани моддаи нав ба Кодекси меҳнати ҶТ дар саҳ. 133–134 ва 139 бештар хусусияти умумӣ дошта, худи механизми интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда, тартиби ҳалли коллизияҳо ва ҳудуди татбиқи қонуни хориҷиро пурра муайян намекунад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки муаллиф дар пешниҳод на танҳо масъалаи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Тоҷикистон, балки ҳолатҳои кори шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷ, кори фосилавии фаромарзӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дар сохторҳои корфармоёни хориҷиро низ мушаххастар танзим намояд. Инчунин, парвандаи судии овардашуда дар саҳ. 135–137 аҳаммияти амалӣ дорад, вале бояд равшантар нишон дода шавад, ки он маҳз кадом мушкилоти коллизионӣ ё татбиқи ҳуқуқи хориҷиро ошкор менамояд. Дар маҷмӯъ, зербоб аз ҷиҳати илмӣ арзишманд аст, аммо барои таҳкими натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳои меъёрии муаллиф бояд аз шакли умумӣ ба шакли мушаххаси коллизионӣ-ҳуқуқӣ расонида шаванд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертасияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода

шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар: Тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №7 аз 20-уми апрели соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби М.Т. Раупова д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №7 аз 20-уми апрели соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И.

«Имзои Олимзода Д.А., Раупова М.Т.,
Мирзоев П.И.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсус Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33 Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj
«21» 04 соли 2026